Ба Шӯрои диссертатсионии 6D-KOA.030
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович дар мавзӯи: «Ватандӯстӣ ва хусусиятҳои хосси он дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

## Муҳиммияти омӯзиши мавзуъ

Муҳиммияти таҳқиқи мавзӯи интихобгардида, пеш аз ҳама, бо сатҳи омӯзиши мавзуъ алоқаманд аст. Ба ҷуз аз пахлуҳои алоҳидаи он, масъалаи ватандӯстӣ дар илмҳои сиёсии ватанӣ дар сатҳи зарурӣ омухта нашудааст. Ин мавзуъ то хол ба сифати объекти таҳқиқоти алоҳида қарор нагирифтааст. Таҳқиқоти мазкур дар самти омӯзиши ин масъала иқдоми аввалин мебошад. Аз ин рӯ, муҳиммияти ин таҳқиқот дар чунин вазъият ифода меёбад. Бояд гуфт, ки ватандӯстӣ хамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ ҳамеша хамсафари давлату миллат мебошад ва он ҷузъи таркибии шуури ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки сатҳу сифати ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва самаранокии амалишавии стратегияҳои давлатӣ аз сатҳу сифати ватандӯстии шахрвандони мамлакат вобастагии калон дорад. Вобаста ба ин вазъият муаллиф бамаврид қайд намудааст, ки айни замон дар раванди тағйирёбии ҷаҳони муосир масъалаи тарбияи ватандӯстии ҷавонони тоҷик бояд хислати умумимиллӣ дошта бошад, то дар татбиқи сиёсати пешгирифтаи давлату хукумат ва дар амалишавии накшаҳо ва стратегияҳои давлатӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардем.

Ватандӯстӣ хамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ ва хамчун ҷузъи таркибии шуури ҷамъиятӣ дар раванди таърих вобаста ба сохтори иҷтимоию сиёсии ҷомеа шакли худро иваз намуда, ҳамеша дар мухобили падидаҳои зиёновар будааст ва он хамчун хиссиёт ва эхсосоти махсуси олии инсон барои ҳимояи манфиатҳои халх хизмат намудааст. Аз ин ру, бояд таъкид намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди пошхурии Иттиҳоди Шӯравӣ на танҳо истиқлолияти давлатӣ ба даст овард, балки ба сохтори нави сиёсию ҷамъиятӣ ворид гардид, ки дар чунин шароит мавриди

баррасӣ қарор додани масъалаи ватандӯстӣ ва вобаста ба талаботи сохтори нав ба роҳ мондани таълиму тарбияи ҷавонон хеле муҳим гардидааст. Махсусан, тули ду дахсолаи охир раванди ҷаҳонишавӣ таъсири худро ба мафкураи чавонон ва тарзи зиндагии мардум расонида истодаанд, ки онх,о дар аксар маврид боиси афзудани бегонапарастй мешаванд. Аз ин ру, ба вучуд овардани шакли нави ватандӯстӣ ва тагйир додани мазмуну мухтавои тарбияи ватандӯстӣ талаботи давру замон мебошад. Амалй намудани чунин максадхо бе баррасии пахлуҳои гуногуни ватандӯстӣ ва бе таҳқиқи он гайриимкон мебошад. Вобаста ба чунин вазъият тахдикрти мазкур хеле муҳим ва икдоми саривақтӣ мебошад.

Гузашта аз ин, як қатор масъалаҳои марбут ба ватандӯстӣ на танҳо дар мамлакати мо, балки дар кишварҳои пасошӯравӣ то ҳануз халлу фасл нагардидаанд. Масалан, худи моҳияти ватандӯстӣ ба таври мушаххас муайян карда нашудааст. Инчунин, моҳияти ибораҳои «хиёнат ба ватан», «зарар расонидан ба ватан», «хизмат ба ватан» ва ғ. ҳанӯз хам норавшан бохй мондаанд ва сархади онхо номуайян аст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур имкон медихад, ки на танҳо дар бораи мафҳуми ватандӯстӣ тасаввуроти мушаххас пайдо гардад, балки масъалаҳои бо он алоқаманд низ то андозае равшан карда шаванд.

**Мазмуни мухтасари таҳқиқот**

Диссертатсия аз мукаддима, ду боб, чахор зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар боби якуми диссертатсия, ки он дар навбати худ аз ду зербоб иборат мебошад, хусусиятҳои хосси рушди ватандӯстӣ, мафҳум ва шаклҳои гуногуни инъикоси он баррасӣ шудаанд. Дар параграфи якуми боби мазкур таъкид мегардад, ки ватандӯстӣ яке аз сифатхоест, ки барои наели чавон зарур буда, дар консепсияҳои муосири пешгуинамой таъкид мегардад. Дар ин дисми тахқиқот муаллиф дар заминай таҳлили адабиёти илмӣ кушиш намудааст, ки моҳият ва хусусиятҳои муҳимми ватандӯстиро нишон дихад. Дар параграфи дуюми боби аввал тамоюлоти асосӣ ва сохтори ватандӯстӣ, аз чумла кисмати асосии он - дарки ватандӯстона, муносибати ватандӯстона, фаъолияти ватандӯстона баррасӣ гаштаанд, ки хусусиятҳои хосси ин падидаро инъикос менамоянд. Дар ин қисми таҳқиқот муаллиф нишон медиҳад, ки чи гуна сохтори чамъиятиву сиёсӣ ба зеҳну тафаккури одамон таъсиррасонӣ намуда, мазмуну мундаричаи ватандӯстиро ба дигаргунӣ дучор менамоянд. Инчунин дар зербоби мазкур дар бораи бухрони ватандӯстӣ баррасиҳои ҷолиби диққат дида мешаванд, ки хулосаҳои ин қисми таҳқиқот аҳамияти амалӣ доранд.

Боби дуюми диссертатсия, ки он низ аз ду зербоб иборат аст, ба таҳлили хусусиятҳои хосси ташаккули падидаи ватандӯстӣ дар шароити ҷомеаи Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар зербоби якуми боби дуюм таъкид мегардад, ки ташаккули ватандӯстии халқи тоҷик дар муқоиса бо халкҳои дигари Шарқу Ғарб хусусиятҳои хосси фарккунанда дорад. Ин хусусиятҳои хос дар он зохир мегарданд, ки халқи тоҷик дар марҳилаи тӯлонии таърихӣ зери таъсир ва тобеияти истилогарони мухталиф қарор дошт ва хусусиятҳои муҳимми ватандӯстии тоҷикон бояд бо дарназардошти чунин вазъ баҳогузорӣ карда шавад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм муаллиф қайд менамояд, ки баъди ба даст овардани истиқлолият дар Тоҷикистон вазъи душвори иҷтимоию сиёсӣ, иктисодӣ ва маънавию идеологӣ фароҳам омад, ки таҷрибаи тамоми пояи дар замони шӯравӣ бунёдшударо вайрон намуд. Дар ин қисми таҳқиқот вобаста ба талаботи давру замон ва бо дарназардошти имкониятҳои даврони истиқлолият ташаккули ватандӯстии типи нав муҳим арзёбӣ мегардад, ки барои ҳимояи манфиатҳои миллии мамлакат заруранд.

**Сатҳи эътимоднокии хулосаю пешниҳодҳо ва баррасиҳои илмии муаллиф**

Натиҷаҳои асосии диссертатсия, хулосаҳо, баррасиҳои илмии муаллиф ва пешниҳодҳои ӯ дар заминаи истифодаи методҳои илмии мувофиқ ба даст омадаанд. Дар раванди таҳқиқот методҳои илмии таҳлили сохторӣ, сохторию функсионалӣ ва муқоисавӣ истифода гардидаанд. Муаллиф дар таҳқиқоти худ ба хулосаҳои илмии олимони машҳури ватанӣ ва хориҷӣ такя намуда, асосҳои консептуалии масъалаи ватандӯстиро ташаккул додааст. Методҳои илмии истифодашуда бо ихтисоси интихобнамуда мувофиқат менамоянд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот низ бо дурустии методҳои истифодашуда асоснок мегарданд. Истифодаи принсипи консептуализм дар таҳқиқоти мазкур эхсос мегардад, ки он хоси илмҳои гуманитарӣ мебошад. Чунин принсип ба муаллиф имкон додааст, ки у вобаста ба моҳият ва хусусиятҳои ватандӯстӣ консепсияҳои мухталифи илмиро таҳлилу баррасӣ намояд. Дар таҳқиқоти мазкур муаллиф доираи васеи адабиёти илмиро истифода намудааст. Аксарияти адабиёти истифодашуда бо мавзӯи таҳқиқоти робитаи зич доранд. Дар маҷмӯъ, хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот илман асоснок гардида, дар заминаи омӯзиши назарияҳои илмӣ ташаккул дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот ва сатҳи эътимоднокии онҳо**

Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо он асоснок карда мешавад, ки дар диссертатсияи мазкур бори аввал дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дарназардошти марҳилаи рушду инкишофи мамлакат масъалаи ватандӯстӣ мавриди тахкик карор дода шудааст. Сахми муаллиф дар омӯзиши ин масъала, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи ватандӯстиро нишон додааст. Дар ин маврид эътимоднокии баррасиҳои муаллиф бо асоснок мегардад, ки дар қисми аввали диссертатсия ӯ консепсияҳои гуногуни илмиро таҳлил намуда, вобаста ба шароитҳои гуногуни таърихӣ тағйирёбии шаклу мазмуни ватандӯстиро нишон додааст. Инчунин дар таҳқиқоти мазкур раванди ташаккулёбии ватандӯстӣ, роҳу воситаҳои дар сатҳи зарурӣ амалӣ намудани тарбияи ватандӯстӣ нишон дода шуда, зарурият ва муҳиммияти он барои рушди ояндаи мамлакат илман асоснок карда шудаанд. Дар раванди ташаккулёбии ватандӯстӣ нақши ниҳодҳои давлатӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ муайян карда шудаанд.

**Норасоиҳои диссертатсия**

Дар таҳқиқоти мазкур норасоиҳр низ дида мешаванд, ки онҳоро ба таври зерин нишон медиҳам:

1. Муаллиф дар таҳқиқоти худ ба масъалаи манфиатҳои миллӣ таваҷҷӯҳи камтар додааст. Хуб мебуд, ки агар дар диссертатсияи мазкур таъсири ватандӯстӣ ба ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллӣ нишон дода мешуд.

2. Муаллиф ба масъалаи сабабҳои паст гардидани ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон таваҷҷӯҳи камтар додааст. Аммо дар диссертатсия ба масъалаи роҳу воситаҳои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ андешаҳои ҷолиб мавдуданд. Аз ин рӯ, хуб мебуд, агар дар бораи сабабҳои коҳишёбии ҳисси ватандӯстӣ низ каме муфассалтар баррасӣ мегардид.

3. Дар матни диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Аммо эродҳои мазкур ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва онҳо мазмуни илмии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида**

Диссертатсияи» Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти сиёсии ҷомеа бахшида шуда, дар илмҳои сиёсии ватанӣ иқдоми хеле муҳим мебошад. Таҳқиқоти мазкур кори илмию таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтае мебошад, ки аз руйи

сохтор тибқи талаботи муқарраргардида таҳия гардидааст. Адабиёти илмии истифодашуда ба масъалаи омӯхташаванда ва масъалаҳои баррасигардида робитаи бевосита доранд. Диссертатсия аз руйи мазмуну мундарича бо ихтисоси интихобнамуда мувофиқат менамояд. Дар маҷмӯъ, адабиёти омӯхташуда, маводи истифодашуда, баррасиҳои муаллиф, хулосаҳои асосии диссертатсия, мазмуну мундариҷаи он, методҳои илмии истифодагардида бо ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мувофиқат менамоянд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович дар мавзӯи «Ватандӯстӣ ва хусусиятҳои хосси он дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти мукаммал ва мустақилона анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ доктори илмҳои сиёсӣ,**
**мудири кафедраи**
**фалсафа ва фарҳангшиносӣ** Саидов А.С.

**Имзои Саидов А. С. - ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи**
**давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав** Шукурзод Ҷ.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67
Тел: (83222) 2-54-81,
Факс: (83222) 2-48-63
E-mail: bgu-1978@mail.ru